КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз «7» ноябри соли 2019 № 233 ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ ба Хидирова Шаҳноза Расулҷоновна дар мавзӯи «Участие женщин в политических процессах в Республике Таджикистан» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, бинобар риоя нагардидани банди 66 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ ба Хидирова Шаҳноза Расулҷоновна рад карда шавад.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Хидирова Шаҳноза Расулҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, протоколи № 9.

Раис А.Розиқзода